# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Атоев Муҳаммадиқбол Имомудинович дар мавзӯи «Аносири жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – журналистика пешниҳод гардидааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Атоев Муҳаммадиқбол Имомудинович ба яке аз мавзӯъҳои мубрами таърихи матбуоти тоҷик ва назарияи публитсистика бахшида шудааст. Дар он ташаккули аносири жанрҳои публитсистӣ, хосса матбуотӣ дар нахустрӯзномаи тоҷикии «Бухорои шариф» бо назардошти омилҳои гуногуни таъсиррасон мавриди таҳқиқу таҳлил қарор гирифтааст.

Таҳқиқи зуҳури аносири жанрҳои публитсистӣ, ташаккул ва таносуби корбасти онҳо дар «Бухорои шариф» дар шакли кори диссертатсионӣ бори аввал мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Дар он заминаҳои нашри нахустин рӯзномаи тоҷикӣ дар Осиёи Миёна бо назардошти вижагиҳои шаклу ороиш, мазмуну муҳтаво, қолабҳои эҷодӣ ва амсоли ин таҳқиқу баррасӣ шудааст.

Унвонҷӯ дар ҷараёни таҳқиқи мавзӯъ маводи фаровони илмиву амалӣ, хосса тамоми шумораҳои нашрияи «Бухорои шариф»-ро дастрас намуд, онҳоро ба ҳуруфи кирилӣ баргардон кард ва дар заминаи таҳлилҳои амиқу ҳаматарафаи онҳо мақсад ва вазифаҳои дар наздаш гузошташударо ба пуррагӣ иҷро кард. Аз ҷумла: заминаҳои гуногуни пайдоиши нахустрӯзномаи тоҷикии «Бухорои шариф»-ро таҷдид намуд; вазъи иҷтимоию сиёсии замон ва шароити таъсиси нашрияи мавриди омӯзишро нишон дод; сохтори нашрияро бо назардошти шаклу намо, рубрикаву сарлавҳаҳо, эълону реклама, тасвиру сурат ва вижагиҳои дигар таҳлилу арзёбӣ кард; омилҳои зуҳур ва раванди шаклгирии аносири жанрҳои публитсистиро дар рӯзнома нишон дод; омилҳои аз чоп бозмондани рӯзнома, вазъи молиявӣ, буҳрони фикрӣ ва ақидавӣ миёни муассисонро муайян кард; дар такя ба шакли электронии нашрия теъдоди шумораҳои нашршудаи рӯзномаро мушаххасан нишон дод.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат мебошад.

Дар муқаддима чун қоида аҳаммияти интихоби мавзӯъ, дараҷаи омӯзиш, навгонии кор бо шарҳу тавзеҳҳои амиқ асоснок гардида, мақсаду вазифа ва методҳои таҳқиқ, арзиши назариявию амалӣ ва дараҷаи мубрамияти таҳқиқи он муайян ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда таҳлилу баррасӣ шудааст.

Боби аввали диссертатсия «Заминаҳои пайдоиши «Бухорои шариф» ва вижагиҳои сохтории он» унвон дошта, аз се фасл таркиб ёфтааст.

Дар таҳқиқи ин масъала диссертант бо таҳлилу баррасиҳои илмӣ нишон дод, ки дар таъсиси рӯзномаи «Бухорои шариф» омилҳои гуногун таъсиррасон будаанд. Аз ҷумла, рушди афкори тараққипарварона дар кишварҳои ҳамҷавори Аморати Бухоро, чопи нашрияҳо аз ҷониби ташкилотҳои иттифоқи касабаи коргарӣ дар Русияи шоҳӣ, ки нусхаҳояшон ба Бухоро низ ворид мешуданд боиси ташаккули афкори нав дар муҳити адабӣ ва доираҳои тиҷории Бухоро шуда, танишҳои сиёсию ҳарбӣ миёни кишварҳои Русияву Ҷопон ва Туркияву Италия, ки дар нашрияҳо инъикос мешуданд, баиси ҷазби мардум ба рӯзномаҷот гардид. Ӯ муътақид аст, ки дар ин марҳила дар қатори нашрияҳои гуногун, нашароти пантуркистӣ низ ба Бухоро ворид шуда, таблиғоти ғоявии пантуркизм дар Осиёи Миёна ҷон гирифта буд. Нашрияҳои туркизабон дар баробари чопи мақолаҳои миллатгароёна ба таҳрифи таърих пардохта, асолати миллию таърихии тоҷиконро инкор мекарданд. Ин рӯҳияи зиддитоҷикӣ ва таърихситезонаи чунин нашрияҳо бар ҳайсияти миллию таърихии фарҳангиёни Бухоро таъсир намуд, ки онҳо дар фикри таъсиси нашрияи тоҷикзабон дар Аморати Бухоро шуданд.

Унвонҷӯ бо таҳлилу баррасии шумораҳои нашрияи «Бухорои шариф» дақиқан муайян кард, ки он бо фармати А-3, дар чор саҳифа, ҳар саҳифа бо чаҳор сутун (баъзан бо се ва ду сутун) ва ҳар як сутун вобаста ба мавод аз 45 то 64 сатр, бо ҳуруфоти арабиасоси мехии тоҷикӣ-форсӣ нашр шудааст. Рӯзнома бо банду баст, шиносномаи мунаққаш, саҳифаҳои муреттаб, сарлавҳаҳои ҷолибу музайян нашр гардидааст.

Диссертант дар қатъи фаъолияти «Бухорои шариф» дар баробари се омили нишондодаи устод Айнӣ: танвири афкори мардум; мисли муфаттиш ҷилва кардан дар чашми Ҳукумати амир; бар хилофи интизориҳои элчихонаи рус амал кардани рӯзнома, ҳамчунин се омили дигар: мушкилоти молии ноширин; буҳрони фикрию ақидатӣ миёни муассисон ва ҳайати эҷодӣ; фалаҷ гардидани низоми идории рӯзномаро ошкор месозад, ки аз навҷӯйиҳои ӯ дарак медиҳад.

Боби дуюми диссертатсия, ки «Ташаккули жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф» ном дорад, низ аз се фасл таркиб ёфтааст. Дар он масъалаи тарзу тариқаи корбасти жанрҳои хабарӣ, раванди шаклгирии баъзе жанрҳои таҳлилӣ ва аносири жанрҳои

публитсистию бадеӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф» таҳқиқ ва таҳлилу арзёбӣ шудааст.

Аз пажӯҳиш ва таҳлилҳои муқоисавии унвонҷӯ бармеояд, ки дар рӯзномаи «Бухорои шариф» жанрҳои ахборӣ нисбатан серистеъмол буда, маводи иттилоотии нашрия дар баробари хусусияти маълумотдиҳӣ, вижагии фикрофаринӣ ва тасаввуротӣ низ доранд. Аз ҷумла ин вижагӣ дар хабарҳои сиёсию иқтисодии хориҷӣ бараъло мушоҳида гардидааст. Ба пиндори диссертант жанрҳои таҳлилӣ бошад асоси ғоявии рӯзномаи мавриди таҳқиқро ташкил намуда, дастандаркорони рӯзнома ва аҳли назар дар инъикос ва баррасии масъалаҳои мубрами замон асосан, аз имконоти жанрҳои таҳлилии мухбирнома, мақола ва мактуб кор гирифтаанд.

Диссертант дар пажӯҳиши худ хулоса намудааст, ки дар нашрия жанрҳои публитсистию бадеӣ ба таври комил шакли муайяни жанрӣ пайдо накардаанд, ҳарчанд вижагиҳо ва унсурҳои жанрии фелетон ва лавҳа дар матни рӯзнома дида мешавад. Аммо дар матни мақолаву гузориш ва мактубҳо иборaву ташбеҳоти адабӣ, ишораҳои танзу маломат ба кор рафтааст. Вале ашъори мунташираи рӯзнома махсусияти публитсистии комил дошта, ин вижагии шеърӣ аз «Бухорои шариф» сарманшаъ гирифтааст.

Унвонҷӯ Атоев Муҳаммадиқбол Имомудинович дар давоми солҳои унвонҷӯӣ худро ҳамчун муҳаққиқи қобилу ҷӯянда нишон дода, дар омӯзиш ва пажӯҳиши мавзӯъ самаранок кор кард, ба қадри имкон ва тавон супоришҳои илмиро иҷро намуд, доир ба паҳлуҳои гуногуни мавзӯи диссертатсия мақолаҳои ҷудогона ба нашр расонд ва дар конфронсу ҳамоишҳои илмю амалӣ маърӯзаҳо намуд. Натиҷаи чунин муносибат ба мавзӯъ буд, ки ӯ кори илмиашро пеш аз муҳлат бо сифати баланд ба анҷом расонд.

Хулосаҳои таҳқиқоти Атоев М. И. баёнгари мундариҷаи диссертатсия буда, бо маводи зиёди назарияву амалӣ ва далелу аснод асоснок карда шудааст. Автореферат ва маводҳои доир ба мавзӯи диссертатсия интишорнамудаи муаллиф – 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар нашриёҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқу басанда буда, мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос менамоянд.

Бо назардошти сифатҳои шахсии муаллиф, қобилияту маҳорат ва омодагии ӯ ба корҳои илмиву таҳқиқотии мустақил ҳисоб мекунам, ки таҳқиқоти диссертатсионии Атоев Муҳаммадиқбол Имомудинович дар мавзӯи «Аносири жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Бухорои

шариф» кори илмии анҷомрасида буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди диссертатсияи номзадӣ ҷавобгӯ ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – журналистика сазовор аст.


Доктори илмҳои филология,
профессори кафедраи матбуоти ДМТ Муродов М. Б.

Суроға:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, шаҳраки Буни Ҳисорак, 10
тел: 934251532
E-mail: murodi@mail.ru


«Тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э. Ш.